Масъалаҳои таҳқиқот. Дар мувофиқа бо мақсади гузошташуда дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд:

- нишон додани шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан;
- ёфтани шартҳои кифоягии суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан;
- таҳқиқи масъалаҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо методи Чезаро аз рӯи рафтори коэффитсиентҳои Фурйе.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот ин назарияи функсияҳои қариб даврии Безикович, наздикшавӣ ва суммиронии қаторҳои дучандаи Фурйеи чунин функсияҳо ва суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе аз рӯи коэффисиентҳои Фурйе мебошад.

Предмети таҳқиқот. Предмети таҳқиқот аз ошкор намудани критерияҳои наздикшавии мутлақ ва бо маънои Чезаро суммирондани қаторҳои каратии Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович вобаста аз рафтори коэффисиентҳои Фурйе мебошад.

Нововарии илмии таҳқиқот. Натиҷаҳои диссертатсия нав буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд ва аз инҳо иборатанд:

- нишонаҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии дутағйирёбандаи Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан, нишон дода шудаанд;
- шартҳои кифоягии суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи

ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан, ёфта шудаанд;

- масъалаҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо методи Чезаро аз рӯи рафтори коэффитсиентҳои Фурйе таҳқиқ карда шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии кор. Тадқиқот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар назарияи қаторҳои Фурйе ва қисмҳои махсуси назарияи функсияҳо истифода бурдан мумкин аст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- ёфтани шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии дутағйирёбандаи Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан;
- исбот намудани тасдиқот барои ёфтани шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии дутағйирёбандаи Безикович дорои дар беохирӣ ва нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан;
- пайдо намудани шартҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан;
- исботи теоремаҳо оид ба суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо методи Чезаро аз рӯи коэффитсиентҳои Фурйе.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии натиҷаҳои корӣ диссертатсионӣ бо исботҳои аниқи математикии ҳамаи теоремаҳо ва тасдиқотҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, таъмин карда шуда, бо таҳқиқотҳои муаллифони дигар асоснок карда мешаванд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (ба формула ва соҳаи таҳқиқот). Кори диссертатсионӣ аз рӯи ихтисоси 01.01.01 – таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функционалӣ иҷро карда шуда, фасли таҳлили математикии дар банди III-и параграфи 3 шиносномаи ихтисоси илмӣ нишон додашуда ба шумор меравад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Масъалаи таҳқиқшаванда ва интихоби методи исбот аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳод карда шуда, ёрии машваратӣ расонида шудааст. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ, ки дар банди "**Навгонии илмии таҳқиқот**" баён карда шудаанд, шахсан аз ҷониби муаллиф ҳосил карда шудаанд.

Тасвиби натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳо ва конфронсҳои зерин муҳокима ва баррасӣ гардиданд:

- дар семинари кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии донишгоҳи (Славянии) Россияву Тоҷикистон таҳти роҳбарии профессор Ҳасанов Ю.Ҳ. (Душанбе 2016-2022);
- конфронси байналмиллалии илмӣ-назариявии «Таҳлили геометрӣ ва татбиқи он» (Волгоград, с.2016);
- конфронси байналмиллалии илмӣ-назариявии «Муодилаҳои дифференсиалӣ, таҳлили математикӣ ва назарияи ададҳо» (Душанбе, с.2017);
- конфронси байналмиллалии илмӣ-назариявии «Муҳимияти масъалаҳои математикаи муосир» бахшида ба 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор Темур Собиров (Душанбе,25-26 июни с.2021);
- конфронси байналмиллалии илмӣ-назариявии «Масъалаҳои муосири назарияи ададҳо ва таҳлили математикӣ» бахшида ба 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор Додоҷон Исмоилов (Душанбе,29-30 апрели с.2021);

Интишорот аз рӯи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар 12 кори илмӣ чоп гардиданд, ки рӯйхаташон дар интиҳои авторефрат оварда шудааст.Корҳои [1-А, 2-А, 3-А, 4-А, 5-А, 6-А] дар нашрияҳои тақризшаванда, ки дар рӯйхати амалкунандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, чоп гардидаанд. Дар мақолаҳое, ки бо ҳаммуаллифи Ҳасанов Ю.Ҳ. навишта шудаанд, ба ҳаммуаллиф танҳо гузориши масъала ва интихоби усули методи исботи натиҷаҳо тааллуқ доранд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва аз 125 номгӯи адабиёти истифодашуда иборат буда, 132 саҳифаи компютериро дарбар мегирад. Бобҳои диссертатсия ба параграфҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо истифода шудааст, ки рақами аввал ба боб, рақами дуюм ба параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ё формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

Қисми асосии таҳқиқот

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои ёфтани шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавӣ ва суммиронии мутлақи қаторҳои Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд. Ҳангоми тадқиқот усулҳои умумии назарияи функсияҳо ва назарияи қаторҳо истифода шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Мазмуни мухтасари натиҷаҳои бобҳои кори диссертатсиониро меорем.

Муқаддима ба муҳимияти масъалаҳои дар кори диссертатсионӣ дидашуда, ба дараҷаи коркарди илмии масъалаҳои омӯхташаванда бахшида шудааст ва характеристикаи умумии мавзӯи тадқиқот оварда шудааст.

Боби якум аз чор параграф иборат буда, дар он таҳлилу омӯзиши адабиётҳо аз рӯи наздикшавӣ ва суммиронии қаторҳои Фурйе мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Дар параграфҳои якум ва дуюм таҳлили натиҷаҳои муаллифони дигар оид ба таҳқиқи наздикшавии мутлақи қаторҳои каратии Фурйеи функсияҳои даврӣ ва наздикшавии мутлақи қаторҳои Фурйеи функсияҳои қариб даврӣ, оварда шудаанд.

Дар параграфи сеюми боби якум шарҳи таърихи мухтасари тадқиқотҳо оид ба ёфтани нишонаҳои суммиронии мутлақи қаторҳои Фурйеи функсияҳои даврӣ баён карда шудааст.

Дар параграфи чорум шарҳи тадқиқотҳои муаллифони дигар оиди омӯзиши наздикшавӣ ва суммиронии мутлақи қаторҳои каратии Фурйеи функсияҳои қариб даврии бисёртағйирёбанда, оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия тадқиқи проблемаҳои наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб давриро дарбар мегирад.

Дар параграфи якуми боби дуюм як қатор шартҳои нави зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии бо спектри дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ дошта, пайдо карда шудаанд.

Таърифи 2.1.2. *Функсияи $f(x,y)$ –ро $B_p^{(2)}-$ функсияи қариб даврӣ ё функсияи қариб даврии Безикович меноманд, агар ҳангоми $p \geq 1$ будан, шартҳои зерин иҷро гарданд:*

1) *$f(x,y)$ функсияи ченшаванда буда, $|f(x,y)|^p$ дар фазои дученакаи R^2 бо маънои Лебег интегронидашаванда бошад;*
2) *чунин бузургии миёнаи маҳдуди зерин мавҷуд бошад*

$$D_{B_p^{(2)}}\{f(x,y)\} = \left\{\overline{\lim_{T\to\infty}}\frac{1}{4T^2}\int_{-T}^{T}\int_{-T}^{T}|f(x,y)|^p dxdy\right\}^{1/p} =$$

$$= \left\{\overline{M}\{|f(x,y)|^p\}\right\}^{1/p} < \infty; \qquad (1)$$

3) *чунин пайдарпаии бисёраъзогии тригонометрии*

$$P_n(x,y) = \sum_{k=0}^{n}\sum_{l=0}^{n} C(\lambda_k,\mu_l)exp\{i\{\lambda_k x + \mu_l y\}\}$$

ёфта мешавад, ки

$$C(\lambda_k,\mu_l) = M\{f(x,y)exp\{-i\{\lambda_k x + \mu_l y\}\}\},$$

-коэффитсиентҳои Фурйе буда, барояш баробарии

$$\lim_{n\to\infty} D_{B_p^{(2)}}\{f(x,y)-P_n(x,y)\}=0$$

иҷро мешавад.

Фазои функсияҳои шартҳои 1) – 3)-ро қаноаткунандаро фазои $B_p^{(2)}$, ё ин ки фазои дученакаи Безикович меноманд, ки нормаи функсияи $f(x,y)\in B_p^{(2)}$ $(p\geq 1)$ дар намуди (1) қабул карда шудааст.

Бигузор қатори тригонометрии Фурйеи функсияи $f(x)\in B_2$ дар намуди

$$f(x)\sim\sum_{n=-\infty}^{\infty}A_n e^{i\lambda_n x},$$

дода шуда бошад, ки дар ин ҷо

$$A_n=\lim_{T\to\infty}\frac{1}{2T}\int_{-T}^{T}f(x)e^{-i\lambda_n x}\,dx$$

-коэффитсиентҳои Фурйе ва $\{\lambda_n\}_{n=0}^{\infty}$ спектри функсия буда, шартҳои

$$\lambda_0=0,\lambda_{-n}=-\lambda_n,|\lambda_n|<|\lambda_{n+1}|,\lim_{n\to\infty}\lambda_n=\infty \qquad (2)$$

-ро қаноат мекунад.

Дар тадқиқотҳои Ю.Ҳ.Ҳасанов[8] якчанд шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии қаторҳои намуди

$$\sum_{n=1}^{\infty}|A_n|^{\beta}n^{\gamma} \qquad (3)$$

барои қиматҳои гуногуни β $(0<\beta<2)$ ва γ $(0<\gamma<2)$ нишон дода шудаанд, ки A_n- коэффитсиенти Фурйеи функсияи $f(x)\in B_2$ мебошад.

Теоремаи 2.1.1. *Бигузор функсияи $f(x)\in B_2$ буда, шарти (2)-ро қаноат намояд ва $n^{\alpha}=O\{\lambda_n\}$ $(n>0,\alpha>0)$ бошад. Агар ҳангоми $k>\frac{\gamma+1-\frac{\beta}{2}}{\alpha\beta}$ ва $\rho=\frac{\gamma+1-\frac{\beta}{2}}{\alpha}$ будан, қатори*

$$\sum_{n=1}^{\infty}n^{\rho-1}\omega_k(f;n^{-1})_{B_2}$$

наздикшаванда бошад, он гоҳ қатори (3) наздикшаванда аст.

Натиҷаҳои дар ин параграф ба даст овардашуда, аналоги теоремаи 2.1.1 барои қатори дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврӣ Безикович мебошад. Бигузор $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ −функсияи қариб даврии Безикович буда, қатори Фурйеи он намуди

$$\sum_{n_1=0}^{\infty}\sum_{n_2=0}^{\infty}A\left(\lambda_{n_1}^{(1)},\lambda_{n_2}^{(2)}\right)exp\left\{i\left\{\lambda_{n_1}^{(1)}x_1+\lambda_{n_2}^{(2)}x_2\right\}\right\}$$

-ро дошта бошад ва нишондиҳандаҳои Фурйе $\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ шартҳои

$$\lambda_0^{(j)}=0;\ \lambda_{-n_j}^{(j)}=-\lambda_{n_j}^{(j)};\ \lim_{n_j\to\infty}\lambda_{n_j}^{(j)}=\infty\ ;\ \lambda_{n_j}^{(j)}<\lambda_{n_{j+1}}^{(j+1)}(\ j=1,2) \tag{4}$$

-ро қаноат мекунанд.

Барои функсияи $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$, ба сифати муайянкунандаи хосиятҳои таркибии онҳо, модули бефосилагии тартиби r –и функсияи $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ –ро дида мебароем

$$\omega_{r,(j)}(f;h)_{B_2^{(2)}}=\sup_{|t|\le h}\left\|\Delta_{h_j}^r f(x_1,x_2)\right\|_{B_2^{(2)}}\ (h>0\ ),$$

ки дар ин ҷо

$$\Delta_{h_j}^r f(x_1,x_2)=\sum_{m=0}^{r}(-1)^{r-m}\binom{r}{m}f(\,x_1+mh_1,x_2+mh_2)\ \ (j=1,2)$$

-фарқи тартиби r –и функсияи $f(x_1,x_2)$ бо қадами h_j $(j=1,2)$ мебошад.

Нишон медиҳем, ки функсия дорои кадом хосиятҳо бошад, ки ҳар як тағйирёбанда дар алоҳидагӣ наздикшавии мутлақи қатори дучандаи Фурйеро дар ҳолати нишондиҳандаҳои Фурйе

$$\Lambda_1\left\{\lambda_{n_1}^{(1)}\right\}_{n_1=1}^{\infty},\qquad \Lambda_2\left\{\lambda_{n_2}^{(2)}\right\}_{n_2=1}^{\infty},$$

шарти (4)-ро қаноат намудан, таъмин кунад.

Теоремаи 2.1.2. *Агар функсияи* $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ *ва спектри он* $\Lambda_j\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}_{j=1}^{2}$ *шартҳои (4)-ро қаноат намояд, ва ғайр аз ин, ҳангоми* $0<\beta<2, r>\frac{2}{\beta}-1$ *ва барои ҳар як* $j=1,2$ *қатори*

$$\sum_{v=1}^{\infty}2^{2v\left(1-\frac{\beta}{2}\right)}\left(\frac{\lambda_{2^v}^{(j)}}{\lambda_{2^{v-1}}^{(j)}}\right)^r\omega_{r,(j)}^{\beta}\left(f;\frac{1}{\lambda_{2^v}^{(j)}}\right)_{B_2^{(2)}},$$

наздикшаванда бошад, он гоҳ қатори

$$\sum_{n_1=1}^{\infty}\sum_{n_2=1}^{\infty}\left|A\left(\lambda_{n_1}^{(1)},\lambda_{n_2}^{(2)}\right)\right|^{\beta}$$

низ наздикшаванда аст.

Акнун мавҷудияти шартҳои зарурии наздикшавии мутлақи қатори дучандаи Фурйеи намуди

$$\sum_{n_1=1}^{\infty}\sum_{n_2=1}^{\infty}\left|A\left(\lambda_{n_1}^{(1)},\lambda_{n_2}^{(2)}\right)\right|^{\beta}n_1^{\gamma}n_2^{\gamma} \tag{5}$$

барои қиматҳои гуногуни β $(0 < \beta < 2)$ ва γ $(0 \le \gamma < 1)$ тадқиқ карда мешаванд.

Теоремаи 2.1.3. *Агар функсияи* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ *ва коэффитсиентҳои Фурйеи он* $A(\lambda_{n_1}^{(1)}, \lambda_{n_2}^{(2)})$ *монотонӣ камшаванда бошанд ва ғайр аз ин, ададҳои* $\left\{\lambda_{n_1}^{(1)}, \lambda_{n_2}^{(2)}\right\}$ *шартҳои (4) қаноат намуда,*

$$\lambda_{n_j}^{(j)} = n_j^{\alpha} \quad (\alpha > 0,\ j = 1,2)$$

бошад, он гоҳ наздикшавии қатори (5) наздикшавии қатори

$$\sum_{\nu=0}^{\infty} 2^{\nu\left(\gamma+1-\frac{\beta}{2}\right)} \omega_r^{\beta}(f; 2^{-\nu\alpha})_{B_2^{(2)}}$$

-ро таъмин мекунад, ки дар ин ҷо $0 < \beta < 2,\ 0 \le \gamma < 1,\ r > \frac{\gamma+1-\frac{\beta}{2}}{\alpha\beta}$ *аст.*

Дар параграфи 2.2. шартҳои наздикшавии мутлақи қатори дучандаи Фурйеи функсияи $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$, ҳангоми нишондиҳандаҳои Фурйе $\Lambda_j\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j = 1,2)$ функсияи $f(x_1, x_2)$ шартҳои

$$\lambda_{-n_j}^{(j)} = -\lambda_{n_j}^{(j)};\ \left|\lambda_{n_j}^{(j)}\right| > \left|\lambda_{n_{j+1}}^{(j+1)}\right|;\ \lim_{n_j \to \infty} \lambda_{n_j}^{(j)} = 0\ \ (j = 1,2) \tag{6}$$

-ро қаноат намудан, яъне аналоги теоремаи зерин, ёфта шудаанд.

Теорема 2.2.1. *Бигузор барои функсияи* $f(x) \in B_2$ *шартҳои*

$$\lambda_{-n} = -\lambda_n, |\lambda_n| < |\lambda_{n-1}|, \lim_{n\to\infty} |\lambda_n| = 0$$

ва $\lambda_n = O\left\{\frac{1}{n^{\alpha}}\right\}$ $(n = 1,2, \ldots;\ \alpha > 0)$ *иҷро гарданд. Агар ҳангоми* $0 < \beta < 2, \rho = \frac{\gamma+1-\frac{\beta}{2}}{\alpha}$, $0 < \gamma < 1, k > \frac{\gamma+1-\frac{\beta}{2}}{\alpha\beta}$ *қатори*

$$\sum_{n=1}^{\infty} n^{\rho-1} W_k^{\beta}(f; n)_{B_2}$$

наздикшаванда бошад, он гоҳ қатори

$$\sum_{n=1}^{\infty} |A_n|^{\beta} n^{\gamma}$$

низ наздикшаванда аст.

Бигузор функсияи $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ ва

$$D_{B_p^{(2)}}\{f(x_1, x_2)\} = \left\{\overline{\lim_{T\to\infty}} \frac{1}{4T^2} \int_{-T}^{T} \int_{-T}^{T} |f(x_1, x_2)|^p dx_1 dx_2\right\}^{1/p} < \infty,$$

инчунин

$$\sum_{n_1=0}^{\infty}\sum_{n_2=0}^{\infty} A\left(\lambda_{n_1}^{(1)}, \lambda_{n_2}^{(2)}\right) exp\left\{i\left\{\lambda_{n_1}^{(1)} x_1 + \lambda_{n_2}^{(2)} x_2\right\}\right\} \tag{7}$$

қатори Фурйеи он бошад, ки нишондиҳандаҳои Фурйе $\Lambda_j \left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j = 1,2)$ шарти (6)-ро қаноат намояд.

Барои функсияи $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$, ҳангоми барои спектри он шарти (6) ҷой доштан, ба сифати воситаи математикии наздикшавӣ модули миёнаназдиккунии тартиби r $(r \in N)$ −и ин функсияро дар R^2 истифода мебарем

$$W_r(f; H)_{B_2^{(2)}} = \sup_{|T| \geq H} \|f_{T^r}(x_1, x_2)\|_{B_2^{(2)}} \quad (H > 0),$$

дар ин ҷо

$$f_{T^r}^{(j)}(x_1, x_2) = \frac{1}{(2T)^r} \int_{x_j - T}^{x_j + T} dt_1 \int_{t_1 - T}^{t_1 + T} dt_2 \ldots \int_{t_{r-2} - T}^{t_{r-2} + T} dt_{r-1} \int_{t_{r-1} - T}^{t_{r-1} + T} f(t_r) dt_r.$$

Теоремаи 2.2.2. *Бигзор спектри функсияи* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$, $\Lambda_j \left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j = 1,2)$ *шартҳои (6)-ро қаноат намояд ва ҳангоми* $0 < \beta < 2, r > \frac{2}{\beta} - 1$ *ва ҳар як* $j = 1,2$ *қатори*

$$\sum_{v=1}^{\infty} 2^{2v(1-\beta/2)} W_{r,(j)}^{\beta}\left(f; \frac{1}{\lambda_{2^{v-1}}^{(j)}}\right)_{B_2^{(2)}}$$

наздикшаванда бошад. Он гоҳ қатори аз коэффитсиентҳои Фурйе тартибдодашудаи

$$\sum_{n_1=0}^{\infty}\sum_{n_2=0}^{\infty} \left|\mathrm{A}(\lambda_{n_1}^{(1)}, \lambda_{n_2}^{(2)})\right|^{\beta}$$

низ наздикшаванда аст.

Бигузор қатори (7) дорои спектри $\Lambda_j \left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j = 1,2)$ бошад, ки шарти (6)-ро қаноат менамояд. Шарти зарурии наздикшавии қатори Фурйеи функсияи $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ дар намуди тасдиқоти зерин баён кардан мумкин аст.

Теоремаи 2.2.3. *Агар барои нишондиҳандаҳои Фурйеи функсияи* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$, $\Lambda_j \left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j = 1,2)$ *шартҳои (6) иҷро шаванд ва*

$$\lambda_{n_j}^{(j)} = n_j^{-\alpha} \quad (\alpha > 0, \ j = 1,2)$$

бошад ва ба ғайр аз ин, пайдарпаии коэффисиентҳои Фурйеи он $\left\{A(\lambda_{n_1}^{(1)}, \lambda_{n_2}^{(2)})\right\}$ *монотонӣ камшаванда бошад, он гоҳ аз наздикшавии қатори*

$$\sum_{n_1=1}^{\infty}\sum_{n_2=1}^{\infty} \left|A\left(\lambda_{n_1}^{(1)}, \lambda_{n_2}^{(2)}\right)\right|^{\beta} n_1^{\gamma} n_2^{\gamma}$$

наздикшавии қатори

$$\sum_{v=0}^{\infty} 2^{v\left(\gamma+1-\frac{\beta}{2}\right)} W_k^{\beta}(f;2^{v\alpha})_{B_2^{(2)}},$$

ҳосил мешавад, ки дар ин ҷо $0<\beta<2,\ 0\le\gamma<1,\ k>\frac{\gamma+1-\frac{\beta}{2}}{\alpha\beta}$ *аст.*

Боби сеюми диссертатсия ба тадқиқи суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврӣ бахшида шудааст.

Дар параграфи якуми боби сеюм шартҳои кифоягии суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо спектри нуқтаҳои ҳудудиаш дар беохирӣ буда, нишон дода шудаанд.

Теоремаи 3.1.5. *Агар функсияи* $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ *буда, спектри он* $\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j=1,2)$ *шартҳои*

$$\lambda_{-n_j}^{(j)}=-\lambda_{n_j}^{(j)};\ \left|\lambda_{n_{j-1}}^{(j-1)}\right|>\left|\lambda_{n_j}^{(j)}\right|;\ \lim_{n_j\to\infty}\lambda_{n_j}^{(j)}=\infty\ (j=1,2)$$

-ро қаноат намояд ва гайр аз ин, ҳангоми $0<\beta<2,\ r>k$ *ва ҳар як* $j=1,2$ *қатори*

$$\sum_{v=1}^{\infty} 2^{v\left(\frac{k}{2}-\alpha_v-1\right)}\left(\frac{\lambda_{2^v}^{(j)}}{\lambda_{2^{v-1}}^{(j)}}\right)^r \omega_{r,(j)}\left(f;\frac{1}{\lambda_{2^v}^{(j)}}\right)_{B_2^{(2)}}$$

наздикшаванда бошад, он гоҳ қатори

$$\sum_{n_1=0}^{\infty}\sum_{n_2=0}^{\infty}\left|A_{n_1,n_2}\right|$$

ҳангоми $0<\alpha_i\le\frac{1}{2},\ \ i=1,2,\ |C;\ \alpha_1,\alpha_2|$*- суммиронидашаванда мебошад.*

Теоремаи 3.1.6. *Бигузор функсияи* $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ *ва спектри он* $\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j=1,2)$ *шартҳои*

$$\lambda_{-n_j}^{(j)}=-\lambda_{n_j}^{(j)};\ \left|\lambda_{n_{j-1}}^{(j-1)}\right|>\left|\lambda_{n_j}^{(j)}\right|;\ \lim_{n_j\to\infty}\lambda_{n_j}^{(j)}=\infty\ (j=1,2)$$

-ро қаноат намояд. Агар ҳангоми $0<\beta<2,\ r>k$ *будан, барои ҳар як* $j=1,2$ *қатори*

$$\sum_{v=1}^{\infty}\frac{2^{v\left(\frac{k-1}{2}\right)}}{\sqrt{ln2^v}}\left(\frac{\lambda_{2^v}^{(j)}}{\lambda_{2^{v-1}}^{(j)}}\right)^r \omega_{r,(j)}\left(f;\frac{1}{\lambda_{2^v}^{(j)}}\right)_{B_2^{(2)}}$$

наздикшаванда бошад, он гоҳ қатори

$$\sum_{n_1=0}^{\infty}\sum_{n_k=0}^{\infty}\left|A_{n_1,n_2}\right|,$$

барои $\alpha_i>\frac{1}{2},\ \ i=1,2,\ |C;\ \alpha_1,\alpha_2|$*- суммиронидашаванда мебошад.*

Дар параграфи 3.2 масъалаҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо спектри нуқтаҳои ҳудудиаш дар нол мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Минбаъд шартҳои кифоягии суммиронии мутлақи қаторҳои дучанда, ҳангоми спектри функсияи $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ дар нол нуқтаи ҳудудӣ доштан, ёфта шудаанд, яъне

$$\lambda_{-n_j}^{(j)}=-\lambda_{n_j}^{(j)};\ \left|\lambda_{n_{j-1}}^{(j-1)}\right|>\left|\lambda_{n_j}^{(j)}\right|;\ \lim_{n_j\to\infty}\lambda_{n_j}^{(j)}=0\ \ (j=1,2), \tag{8}$$

$$\overline{M_{x_j}}\{f(x_1,x_2)\}=0\ \ (j=1,2,). \tag{9}$$

Теоремаи 3.2.1. *Бигузор* $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ *ва барои маҷмӯи ададҳои* $\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j=1,2)$ *шартҳои (8) ва (9) ҷой дошта бошанд. Агар барои қиматҳои* $0<\beta<2,\ r>k$ *ва ҳар як* $j=1,2$ *қатори*

$$\sum_{v=1}^{\infty}2^{v\left(\frac{k}{2}-\alpha_v-1\right)}W_{r,(j)}\left(f;\frac{1}{\lambda_{2^v}^{(j)}}\right)_{B_2^{(2)}}$$

наздикшаванда бошад, он гоҳ қатори

$$\sum_{n_1=0}^{\infty}\sum_{n_2=0}^{\infty}\left|A_{n_1,n_2}\right|, \tag{10}$$

ҳангоми $0<\alpha_i\le\frac{1}{2},\ i=1,2$ *будан,* $|C;\ \alpha_1,\alpha_2,|$*-суммиронидашаванда мебошад.*

Теоремаи 3.2.2. *Бигузор функсияи* $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ *ва спектри он* $\left\{\lambda_{n_j}^{(j)}\right\}$ $(j=1,2)$ *шартҳои (8) ва (9)-ро қаноат намояд. Агар ҳангоми* $0<\beta<2,\ r>k$ *ва ҳар як* $j=1,2$ *шарти*

$$\sum_{v=1}^{\infty}\frac{2^{v\left(\frac{k-1}{2}\right)}}{\sqrt{ln2^v}}W_{r,(j)}\left(f;\frac{1}{\lambda_{2^v}^{(j)}}\right)_{B_2^{(2)}}<\infty$$

иҷро шавад, он гоҳ қатори (10) ҳангоми $\alpha_i>\frac{1}{2},\ i=1,2$ *бо методи* $|C;\ \alpha_1,\alpha_2|$ *суммиронидашванда мебошад.*

Чӣ хеле, ки аз шартҳои теоремаҳои 3.2.1 ва 3.2.2 дида мешавад, суммиронии мутлақи қатори каратии Фурйеи намуди (10)-ро таъминкунанда, танҳо аз миқдори тағйирёбандаҳо ва хосияти ҳамон тағйирёбандаҳои функсияи $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$, ки модули миёнаназдиккунӣ ба нол нисбатан оҳиста майл мекунад, вобастагӣ дорад.

Дар параграфи 3.3 масъалаҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо методи Чезаро аз рӯи рафтори коэффитсиентҳои Фурйе омӯхта шудаанд.

Таърифи 3.3.1. *Мегӯянд, ки қатори*

$$\sum_{m=0}^{\infty}\sum_{n=0}^{\infty}a_{m,n}$$

бо методи $(\mathrm{C},\alpha,\beta)$, $\alpha,\beta>-1$, *ба адади* s *суммиронидашаванда аст, агар*

$$\lim_{m.n\to\infty}\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}=s$$

бошад, ки дар он

$$\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}=\left(A_m^{\alpha}A_n^{\beta}\right)^{-1}S_{m,n}^{\alpha,\beta}\qquad ва \qquad A_k^{\gamma}=\frac{(\gamma+1)\cdot\ldots\cdot(\gamma+k)}{k!}$$

буда, $S_{m,n}^{\alpha,\beta}$ *аз рӯи муносибати зерин муайян карда мешавад:*

$$\sum_{m=0}^{\infty}\sum_{n=0}^{\infty}S_{m,n}^{\alpha,\beta}x^my^n=(1-x)^{-\alpha-1}(1-y)^{-\beta-1}\sum_{m=0}^{\infty}\sum_{n=0}^{\infty}a_{m,n}x^my^n.$$

Таърифи 3.3.2. *Қатори дучандаи Фурйеи*

$$\frac{1}{4}a_{0,0}+\frac{1}{2}\sum_{n_1=1}^{\infty}\left(a_{n_1,0}\cos\lambda_{n_1}x+b_{n_1,0}\sin\lambda_{n_1}x\right)+$$

$$+\frac{1}{2}\sum_{n_2=1}^{\infty}\left(a_{0,n_2}\cos\lambda_{n_2}y+c_{0,n_2}\sin\lambda_{n_2}y\right)+$$

$$+\sum_{n_1=1}^{\infty}\sum_{n_2=1}^{\infty}(a_{n_1,n_2}\cos\lambda_{n_1}x\cos\lambda_{n_2}y+b_{n_1,n_2}\sin\lambda_{n_1}x\cos\lambda_{n_2}y+$$

$$+c_{n_1,n_2}\cos\lambda_{n_1}x\sin\lambda_{n_2}y+d_{n_1,n_2}\sin\lambda_{n_1}x\sin\lambda_{n_2}y).$$

-ро мутлақ $|C;\,\alpha,\beta|-$ *суммиронидашаванда ё* $|C;\,\alpha,\beta|-$ *суммиронидашаванда, ҳангоми* $\alpha,\beta>-1$ *меноманд, агар шартҳои зерин иҷро гарданд:*

$$\sum_{m=0}^{\infty}\sum_{n=0}^{\infty}\left|\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}-\sigma_{m,n-1}^{\alpha,\beta}-\sigma_{m-1,n}^{\alpha,\beta}+\sigma_{m-1,n-1}^{\alpha,\beta}\right|<\infty,$$

$$\sum_{m=1}^{\infty}\left|\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}-\sigma_{m-1,n}^{\alpha,\beta}\right|<\infty\quad \text{барои адади қайдкардашудаи } n,$$

$$\sum_{n=1}^{\infty}\left|\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}-\sigma_{m,n-1}^{\alpha,\beta}\right|<\infty\quad \text{барои адади қайдкардашудаи } m,$$

ки дар он $\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}-(\mathrm{C},\alpha,\beta)$ *–миёнаи қатори Фурйе*

$$\sigma_{m,n}^{\alpha,\beta}=\left(A_m^{\alpha}A_n^{\beta}\right)^{-1}S_{m,n}\qquad ва \qquad A_k^{\gamma}=\frac{(\gamma+1)\cdot\ldots\cdot(\gamma+k)}{k!}$$

$S_{m,n}-$ *суммаҳои хусусии қатори Фурйеи додашуда мебошад.*

Теоремаи 3.3.1. *Бигузор* $f(x_1,x_2)\in B_2^{(2)}$ *бошад. Агар шартҳои*

$$\sum_{m=0}^{\infty}\sum_{n=0}^{\infty}2^{\frac{m}{2}(\frac{1}{2}-\alpha_1)}\,2^{\frac{n}{2}(\frac{1}{2}-\alpha_2)}\left(\sum_{k=2^m}^{2^{m+1}-1}\sum_{l=2^n}^{2^{n+1}-1}A_{k,l}^2\right)^{\frac{1}{2}}<\infty,$$

$$\sum_{m=0}^{\infty} 2^{\frac{m}{2}(\frac{1}{2}-\alpha_1)} \left(\sum_{k=2^m}^{2^{m+1}-1} A_{k,0}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty,$$

$$\sum_{n=0}^{\infty} 2^{\frac{n}{2}(\frac{1}{2}-\alpha_1)} \left(\sum_{l=2^n}^{2^{n+1}-1} A_{0,l}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty,$$

иҷро шаванд $\left(-1 < \alpha_1, \alpha_2 < \frac{1}{2}\right)$, *он гоҳ қатори Фурйеи функсияи* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ *қариб дар ҳама ҷо(почти всюду) бо методи* $|C; \alpha_1, \alpha_2|$ *– суммиронидашаванда аст.*

Теоремаи 3.3.2. *Бигузор* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ *бошад. Агар шартҳои*

$$\sum_{m=0}^{\infty} \sum_{n=0}^{\infty} \sqrt{(m+1)(n+1)} \left(\sum_{k=2^m}^{2^{m+1}-1} \sum_{l=2^n}^{2^{n+1}-1} A_{k,l}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty,$$

$$\sum_{m=0}^{\infty} \sqrt{m+1} \left(\sum_{k=2^m}^{2^{m+1}-1} A_{k,0}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty,$$

$$\sum_{n=0}^{\infty} \sqrt{n+1} \left(\sum_{l=2^n}^{2^{n+1}-1} A_{0,l}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty$$

иҷро шаванд,ки дар ин ҷо $\alpha_1 = \alpha_2 = \frac{1}{2}$, *он гоҳ қатори Фурйеи функсияи* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ *қариб дар ҳама ҷо(почти всюду) бо методи* $\left|C; \frac{1}{2}, \frac{1}{2}\right|$ *–суммиронидашаванда аст.*

Теоремаи 3.3.3. *Бигузор* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ *бошад. Агар шартҳои*

$$\sum_{m=0}^{\infty} \sum_{n=0}^{\infty} \left(\sum_{k=2^m}^{2^{m+1}-1} \sum_{l=2^n}^{2^{n+1}-1} A_{k,l}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty,$$

$$\sum_{m=0}^{\infty} \left(\sum_{k=2^m}^{2^{m+1}-1} A_{k,0}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty, \qquad \sum_{n=0}^{\infty} \left(\sum_{l=2^n}^{2^{n+1}-1} A_{0,l}^2 \right)^{\frac{1}{2}} < \infty$$

иҷро шаванд, ки дар ин ҷо $\alpha_1, \alpha_2 > \frac{1}{2}$, *он гоҳ қатори Фурйеи функсияи* $f(x_1, x_2) \in B_2^{(2)}$ *қариб дар ҳама ҷо(почти всюду) бо методи* $\left|C; \frac{1}{2}, \frac{1}{2}\right|$ *–суммиронидашаванда аст.*

Хулоса

Тадқиқотҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ аз натиҷаҳои зерин иборатанд:

1. ёфтани шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан [1-М,2-М,5-М, 6-М, 11-М];
2. муайян намудани шартҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ягонаи ҳудудӣ доштан [3-М,4-М];
3. пайдо намудани нишонаҳои нави суммиронии мутлақи қатори дучандаи Фурйе бо методи Чезаро аз рӯи рафтори коэффитсиентҳои Фурйе [12-А];

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои ба даст овардашудаи кори диссертатсионӣ дорои характери назариявӣ ва амалӣ буда, онҳоро дар назарияи қаторҳои Фурйеи синфҳои гуногуни функсияҳои қариб даврӣ ва назарияи наздиккуниҳо, дар масъалаҳои автолаппишҳо ва тақсимоти ахбор аз рӯи системаи Хаар истифода бурдан мумкин аст. Маводи диссертатсияро ҳангоми омӯзиши курсҳои махсуси назарияи қаторҳои Фурйе барои донишҷӯён, магистрантон ва доктортарантҳои муассисаҳои олӣ, ки аз рӯи ихтисоси «Математика» таҳсил менамоянд, истифода намудан мумкин аст.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Сафарзода Э.Х. О приближении почти-периодических функций Степанова средними Марцинкевича [текст] / Ю.Х. Хасанов, Э.Х. Сафарзода // Вестник Волгоградского госуниверситета, Серия 1: Математика. Физика. – Волгоград, 2016.- № 6 (37).-с. 61-69.

[2-М]. Сафарзода Э.Х. О приближении почти-периодических функций Степанова средними Марцинкевича [текст] / Ю.Х. Хасанов, Э.Х. Сафарзода // Доклады АН РТ, –Душанбе, 2016. – Т.59. – № 11-12.-с. 463-470.

[3-М]. Сафарзода Э.Х. Обобщение теоремы Пэли для различных классов почти-периодических функций [текст] / Ю.Х.Хасанов, Э.Х.Сафарзода, Ф.М.Талбаков // Вестник ТНУ. Серия естественных наук. –Душанбе, 2017. – №1/5.-С. 21-25.

[4-М]. Сафарзода Э.Х. Об условиях зависимости степени суммируемости функций Степанова и коэффициентов Фурье [текст] / Э.Х.Сафарзода // Известия АН РТ. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук, – Душанбе, 2018. – № 4 (173).-С. 54-62.

[5-М]. Сафарзода Э.Х. О необходимых условиях сходимости двойных рядов Фурье почти-периодических функций [текст] / Э.Х.Сафарзода // Вестник ТНУ. Серия естественных наук. –Душанбе, 2021. № 4.-С. 109-118.

[6-М]. Сафарзода Э.Х. Об абсолютной сходимости двойных рядов Фурье почти-периодических функций [текст] / Э.Х.Сафарзода // Известия НАН РТ. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук, – Душанбе, 2022.– № 1 (186).-С. 23-32.

Дар дигар нашрияҳо:

[7-М]. Сафарзода Э.Х. Об отклонении почти-периодических функций Степанова от сумм типа Марцинкевича [текст] / Ю.Х.Хасанов, Э.Х.Сафарзода // Материалы III-й международной школы-конференции «Геометрический анализ и его приложения» - Волгоград: Издательство ВГУ, 2016.-С. 210-214.

[8-М]. Сафарзода Э.Х. Приближение почти–периодических функций Степанова средними Марцинкевича [текст] / Ю.Х.Хасанов, Э.Х.Сафарзода // Материалы международной конференции «Дифференциальные уравнения, математический анализ и теория чисел». Душанбе, 2017.-С. 154-156.

[9-М]. Сафарзода Э.Х. Аналог теоремы Пэли для различных классов почти-периодических функций [текст] / Ю.Х.Хасанов, Э.Х.Сафарзода // Материалы

республиканской научно-практической конференции «Низоми босамари омодакунии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ − асоси рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон». Худжанд, 2017.-С. 195-198.

[10-М]. Сафарзода Э.Х. О приближении почти-периодических функций Степанова средними Марцинкевича [тезис] / Ю.Х.Хасанов, Э.Х.Сафарзода // «Комплексный анализ и теория аппроксимаций» Сборник тезисов Международной конференции г.Уфа, 29-31мая 2019 г.-С. 47-49.

[11-М]. Сафарзода Э.Х. О необходимых условиях сходимости двойных рядов Фурье почти-периодических функций [текст] / Э.Х. Сафарзода // Актуальные проблемы современной математики. Материалы международной конференции, посвященной 80-летию со дня рождения доктора физико-математических наук, профессора Темура Собирова (Душанбе, 25-26 июня 2021 г.) Душанбе-2021.-С. 219-222.

[12-М]. Сафарзода Э.Х. Абсолютная суммируемость двойных рядов Фурье с предельными точками в бесконечности [текст] / Э.Х. Сафарзода // Современные проблемы теории чисел и математического анализа. Материалы международной конференции, посвященной 80-летию со дня рождения доктора физико-математических наук, профессора Дододжона Исмоилова (Душанбе, 29-30 апреля 2022 г.) Душанбе-2022.-С. 206-209.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Сафарзода Эшмати Ҳотам дар мавзӯи «Наздикшавӣ ва суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.01.01 – Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Вожаҳои калидӣ: функсияҳои қариб даврӣ, қаторҳои Фурйе, спектри функсия, коэффитсиентҳои Фурйе, нишондиҳандаҳои Фурйе, модули бефосилагӣ, модули миёнаназдиккунӣ, нуқтаи ягонаи ҳудудӣ.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии кори диссертатсионӣ аз муайян намудани шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавӣ ва суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ҳудудӣ доштан, буда натиҷаҳои ба даст омада, ин натиҷаҳое мебошад, ки Хасанов Ю.Х. барои қаторҳои оддии Фурйе ба даст овардааст, иборат мебошад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар кори диссертатсионнӣ усулҳои назарияи функсияҳо ва таҳлили функсионалии характери наздиккунидошта, назарияи қаторҳои Фурйе, назарияи суммиронии қаторҳои Фурйе ва назарияи наздиккунии функсияҳо бо бисёраъзогиҳои тригонометрӣ истифода шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот. Натиҷаҳои диссертатсия нав буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд ва аз инҳо иборатанд:

- шартҳои зарурӣ ва кифоягии наздикшавии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ҳудудӣ доштан, пайдо карда шудаанд;
- шартҳои суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйеи функсияҳои қариб даврии Безикович ҳангоми а) спектри функсия дар беохирӣ нуқтаи ҳудудӣ доштан; б) спектри функсия дар нол нуқтаи ҳудудӣ доштан, ба даст оварда шудаанд;
- критерияҳои нави суммиронии мутлақи қаторҳои дучандаи Фурйе бо методи Чезаро аз рӯи рафтори коэффитсиентҳои Фурйе, муайян карда шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии кор. Кори диссертатсионӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро дар назарияи қаторҳои Фурйе ва қисмҳои махсуси назарияи функсияҳо истифода бурдан мумкин аст.

АННОТАЦИЯ

диссертации Сафарзода Эшмати Хотам на тему «Абсолютная сходимость и суммируемость двойных рядов Фурье почти-периодических функций», представленной на соискание ученой степени кандидата физико-математических наук по специальности 01.01.01 – Вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: почти-периодические функции, ряды Фурье, спектр функции, коэффициенты Фурье, показатели Фурье, модуль непрерывности, модуль усреднения, единственная предельная точка.

Цель исследования. Основной целью диссертационной работы заключается в выявлении необходимых и достаточных условий абсолютной сходимости и суммируемости двойных рядов Фурье почти-периодических в смысле Безиковича функций, когда: а) их спектр имеет единственную предельную точку в бесконечности; б) их спектр имеет единственную предельную точку в нуле, т.е. получены результатов, которые получены Хасановым Ю.Х. в одномерном случае.

Методы исследования. В диссертационной работе использованы методы теории функций и функционального анализа, теории рядов Фурье, теории суммирования рядов Фурье и теории приближения функций тригонометрическими полиномами.

Научная новизна исследований. Установленные в диссертации результаты являются новыми, получены автором самостоятельно и состоят в следующем:

- доказаны достаточные и необходимые условия абсолютной сходимости двойных рядов Фурье почти-периодических в смысле Безиковича функций, когда: а) их спектр имеет единственную предельную точку в бесконечности; б) их спектр имеет единственную предельную точку в нуле;
- получены критерии абсолютной суммируемости двойных рядов Фурье почти-периодических в смысле Безиковича функций, когда: а) их спектр имеет единственную предельную точку в бесконечности; б) их спектр имеет единственную предельную точку в нуле;
- исследован вопрос об абсолютной чезаровской суммируемости двойных рядов Фурье в терминах поведения коэффициентов Фурье.

Теоретическая и практическая ценность работы. Работа носит как теоретический, так и практический характер. Результаты диссертационной работы могут быть применены в теории рядов Фурье и специальных разделах теории функций.

SUMMARY

of the thesis of Safarzoda Eshmati Khotam "Absolute convergence and summability of double Fourier series of almost periodic functions", presented for the scientific degree of candidate of physical and mathematical sciences in specialty 01.01.01 - real, complex and functional analysis

Keywords: almost-periodic functions, Fourier series, spectrum of a function, Fourier coefficients, Fourier exponents, modulus of continuity, averaging module, unique limit point.

Work objective. The main goal of the dissertation work is to identify the necessary and sufficient conditions for the absolute convergence and summability of double Fourier series of functions that are almost periodic in the sense of Besicovich, when a) their spectrum has a single limit point at infinity; b) their spectrum has a single limit point at zero, that is, the results obtained in the one-dimensional case were obtained by Khasanov Yu.Kh.

Research methods. In the dissertation work uses methods of the theory of functions and functional analysis, the theory of Fourier series, the theory of summation of Fourier series and the theory of approximation of functions by trigonometric polynomials.

Scientific novelty. The established results in the dissertation are new, obtained by the author independently and are as follows:

- necessary and sufficient conditions for the absolute convergence of double Fourier series of the class of almost periodic functions in the sense of Besicovich are proved, when a) their spectrum has a single limit point at infinity; b) their spectrum has a single limit point at zero;
- criteria for the absolute summability of double Fourier series of the class of almost periodic functions in the sense of Besicovich are obtained, when a) their spectrum has a single limit point at infinity; b) their spectrum has a single limit point at zero;
- the question of the absolute summability of double Fourier series is studied in terms of the behavior of the Fourier coefficients.

Theoretical and practical value. The work is both theoretical and practical. The results of the dissertation work can be applied in the theory of Fourier series and special sections of the theory of functions.